**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

**УДК: Тадж.-4+03+44**

**ҒАФФОРОВ А[1]. АЛИЕВ А.**

# ИФОДАИ МУНОСИБАТИ МАКОН БО ПЕШОЯНДИ «АЗ» ДАР НАСРИ АСРИ XV1

Мақола ба таҳлилу тасвири ибораҳо ва ҷумлаҳое, ки тавассути пешоянди «аз» алоқа барқарор намудаанд, бахшида шудааст. Маводи мақола дар заминаи насри асри XV1, махсусан «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ таълиф гардидааст. Муаллифони мақола ба хулосае омадаанд, ки дар насри ин давра доираи ифодаи муносибати масоҳавӣ тавассути пешоянди «аз» хеле фарох аст. Маводи мақола дар илми забоншиносӣ сухани тоза ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** Забон, забоншиносӣ, ибора, ҷумла, пешоянди «аз», ҷойгоҳ, аломат, амал, ҳолат, наср, асри XVI, «Бадоеъ-ул-вақоеъ», Зайниддин Восифӣ.

Пешоянду пасояндҳо ба чунин гурӯҳи калимаҳо мансубанд, ки «дар сохтори маънои онҳо доираи мураккаб ва гуногуни алоқаи ашё, ҳаводис, аломат ва амалу ҳолат зоҳир мешавад» [1].

Забоншиносон пешояндҳо ва пасояндҳои аслиро на ба сарф, балки ба наҳв дохил кардаанд: «вазифаи онҳо (пешояндҳои аслӣ-А.Ғ.) сирф наҳвист» [3]. Дуруст аст, ки ҳар як пешоянди аслӣ маънои умумии марказӣ дорад ва тобишҳои маъноии он ба ин ё он андоза ба ҳамон маънои марказӣ робита дорад, вале пешояндҳои аслии содаро ба гурӯҳҳои маъноӣ ҷудо кардан мушкил аст. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як пешояндро ба таври ҷудогона тасвир кардан ба мақсад мувофиқтар аст.

Вазифа ва мавқеи истифода пешояндҳои аслии сода дар насри асри XV1 ба "мавқеи дар забони ҳозираи тоҷик доштаашон, асосан мутобиқат дорад [4], вале бо баъзе хусусиятҳои махсусан дар ҷанбаи ҳамвазифагӣ ва ифодаи тобишҳои маъноӣ ҷолиб аст.

Пешоянди «аз» дар насри асри XV1 дар ифодаи муносибатҳои ҳолӣ доираи васеи истифода дорад, ки яке аз ин муносибатҳо- маънои масоҳавӣ мебошад. Муносибати масоҳавӣ, бо исмҳои макон ва ё предметҳои ифодагари макони нисбӣ омада, ҷой, мавқеъ ва сарчашмаи маконеро нишон медиҳад, ки амалу ҳаракат аз он мавқеъ шурӯъ шудааст. Ҳамчун ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои амалу ҳаракат ва ҳолат ва ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои макону масоҳа омадаанд…аз Бухоро меоям [5, 360]. … аз корвонсаро боқиро оварда… [5,978]. Устухони пушт ва синаи ӯ аз ҷо рафта [5,1262].

Дар асар барои ифодаи чунин муносибати наҳвӣ ба сифати ҷузви тобеъ ҷонишинҳое, ки исмҳои маконро ишора мекунанд, истифода шудаанд. Ҷонишини саволии <u>куҷо</u> дар ин вазифа нисбатан серистеъмол аст….аз куҷо меоӣ [5,360]. Эй

[1] **Адрес для корреспонденции:** Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич-дотсент ТГПУ им. С.Айни Республики Таджикистан, 734025. Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рӯдакӣ-125. Тел: 901-06-30-68.
**Алиев Аҳмад**-дотсент КГУ им. А. Рудаки Республики Таджикистан, 734000. Республики Таджикистан, г. Куляб, пр. Х.Шерози, тел: 935113748.

мард, ту қайи мори аъфиро аз куҷо овардаӣ? [5,804]. Ҷиҳил сандуқча аз вай берун омад [5,1127]. Аз вай даргузашта ба ҷӯйи обе расидам [5,1064].

Ҳамчун ҷузъи тобеъ дар асар баъзе зарфҳои макон ҳам истифода шудаанд: …аз дарун овозе шунид [5, 818]. Камина аз қафо омадам (5,969). Кӯҳи гаронсангро сабук аз пеш бардоранд [5, 615].

Муносибати маъноии калимаҳои алоқамандшуда ба маънои луғавии калимаи асосӣ ва ҷузъи тобеъ вобаста аст. Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари макони нисбӣ оянд, дар ибораи бо пешоянди «аз» ташаккулёфта муносибати масоҳавӣ бо тобиши маънои объект мушоҳида мешавад: Ҷоми зарро аз тиркаш бароварда [5,753]. Шамшерро аз ғилоф берун кашид [5,813]. Дарвешмуҳаммад аз ҷома берун омад [5,665]. …аз остин баровард [5,773]. Шоҳ Қосим аз мо ғоиб гардид [5,1074].

Муносибати масоҳавӣ дар ин гурӯҳи ибораҳо тавассути ҷузъи асосӣ ва тобиши маънои объект ба туфайли ҷузъи тобеъ сурат мегирад.

Баъзе феълҳо, аз қабили <u>афтодан,</u> <u>гузаштан</u>, <u>даромадан</u> ва амсоли инҳо макони содиршавии худро талаб мекунанд ва ин макон бо пешоянди «аз» дар алоқаи ҳатмии устувор ба ҷузъи асосӣ тобеъ мегардад: …аз кавора берун омад [5,1134]. …аз дарахт афтоданд [5,558]. … аз ҳама акобир даргузашт [5, 558].

Агар тобеъкунанда феъли гузаранда бошад, алоқа бо пешоянди «аз» нисбатан ғайриҳатмӣ буда, барои равшанӣ ва возеҳии баён зикри таркиби пешоянди «аз» лозим меояду бас. Он кабутарро аз дасти мир даррабуд [5,576]. Ӯро… <u>аз</u> он <u>об</u> халос кард [5,1254].

Дар ин навъи ибораҳо тобиши пуркунандагӣ пурзӯр шуда, чун муносибати асосии алоқаи ҷузъҳо зоҳир мегардад: …занҷир аз пойи ман бардоштанд [5,1103]. Пасбанд аз зулфин ҷур шуд [5,576).

Дар насри асри XV1 муносибати масоҳавӣ инчунин дар ибораҳое дучор гардид, ки ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат ва ҷузъи тобеъ бо исми амал ифода мешаванд. Чун ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои навъи <u>маҷлис</u>, <u>маърака,</u> <u>хидмат</u>, <u>мулозимат</u>, <u>тӯй</u> ва амсоли инҳо омадаанд: …аз маърака берун меравӣ [5, 1174]. Аз маҷлиси Мирзо ҳар ду берун омаданд [5,639]. …аз маҷлис берун хиромид [5, 1128]. …аз мулозимат баргашт [5,552]. Дар асар ҷузъи тобеъ баъзан дар байни ҷузъи асосӣ, ки бо феълҳои таркибии номӣ ифода ёфтааст, омадааст: Як бор даст аз даҳон бардоштам [5,1069]. Хусрави ховар сар аз даричаи машриқ баровард [5,1174]. Зан чун назар аз хоҷа мунсариф гардонид [5, 686].

Пешоянди «аз» дар яке аз вазифаҳои пешояндӣ самти ҳаракатро нишон додааст: Аз роҳи Бағдод равӣ [5,790]. Аз роҳи Ҳиндустон ба зиёрати Каъба … мутаваҷҷеҳ шавем [5,379]… аз бероҳа мутаваҷҷеҳи Нишопур шудем [5,1084].

Дар ифодаи муносибатҳои масоҳавӣ пешоянди «аз» бо пешояндҳои «ба», «то», «то ба», «бар» низ меояд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои макон бештар истифода шудаанд. Пешоянди «аз» бо пешоянди «ба» дар ибораҳое меояд, ки сар шудан ва равона гардидани амалро дар масоҳа нишон медиҳанд [2,90].

Мо аз Ироқ ба Ҳиндустон рафтем [5,1075]. Аз Ҳирот ба Тӯс омад [5,467]. … аз болохона ба кӯча фуруд омадем [5,1101].

Дар ташаккули ибораҳо бо пешоянди «аз…. то» дар асар бештар исмҳои макон, исмҳои амалу ҷараёни он, исмҳои ифодагари номи ашё ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феълҳои амалу ҳаракату ҳолат чун ҷузъи асосӣ омадаанд: … аз рӯи замин то об панҷоҳ газ буд [5,349]. … аз Фарох то он ҷо ним фарсах аст [5, 1121]. Мардум лаҳмониро аз фарқ то қадом тилло андохт [5, 798]. …аз матлаъ то мақтаъ маънои хос бошад [5,139]. …аз чаки он то сари айвон яксаду бист газ буд [5, 1248].

Ҷузи тобеи чунин иборахо, ки мафхуми масохати васеъ ва умумиро далолат мекунад, аксаран бо калимахои равшангари маъно тавзех ёфтаанд: Аз дари Рум то аксои Хинд…ихонат мерасонед [5,963]. Аз Хинд то ғояти Рум…сайр кардем [5,345]. Аз Машхади Али Мусо Ризо то Хуросон …шаст фарсанг аст [5,170].

Пешоянди «аз» якчоя бо пешояндхои «то ба» дар насри асри XV1, асосан, дар ифодаи муносибати макон истифода шудааст ва «то ба» ба интихои макон таъкид мебахшад: Аз мох то ба мохӣ аст [5, 341]. Аз коф то ба коф рафта [5,1252]. …аз мағриб то ба машрик …ихонат мерасонад [5,1328]. Аз масчиди чомеъ то ба он чо расидам [5, 1012].

Истифодаи пешоянди «аз» якчоя бо пешоянди «бар» «аз…бар» дар насри ин давра махдуд аст: аз осмон бар замин омадӣ [5, ].

Пешоянди «аз» дар насри ин давра дар иборахое низ омадааст, ки чузъи асосӣ исми шахс ва чузъи тобеъ исми макон буда, ба маконе мансуб будани исмеро фахмонидааст. Дар ин гуна иборахо муносибати масохавӣ –муайянкунандагӣ ифода ёфтааст: Шакле аз Рум [5,582]. Шоире комил аз Тӯс [5,458]. Шахсе буд аз Мовароуннахр [5, 968]. Бараки Хиндӣ ном шахсе аз аксои Хинд ба даъвии вай ба Табрез рафт [5,864].

Ба сифати чузъи асосӣ дар асар исмхои маънӣ низ омадаанд: Мурочиати хазрати Убайдуллохон …аз айлоки Карит [5,298]. Матлаи мустахраз аз се байти охири ғазал [5,155].

Хамин тарик, пешоянди «аз» дар алокаи калимахо яке аз воситахои сермаъно ва серистифодаи грамматикӣ будан, он дар насри асри XV1, барои ифодаи муносибатхои гуногуни холӣ, пуркунандагӣ ва муайянкунандагӣ фаровон истифода шудааст.

**Адабиёт**

1.Виноградов В.В. Русский язык.-М, 1947.- С. 667.

2.Грамматикаи забони адабии хозираи точик. Чилди дувум. Синтаксиси ибора ва чумлахои сода. Душанбе: Дониш, 1986.

3.Мещанинов И.И. Проблема развития языка.-Л.: Наука, 19754.- С.37.

4.Шарифов Б. Хусусиятхои морфологии «Бадоеъ-ул-вакоеъ»-Восифӣ. Душанбе, 1985. - С. 185.

5.Восифӣ, Зайниддин Махмуд. «Бадоеъ-ул-вакоеъ». Ч.1-2. (чопи интикодӣ бо мукаддима ва тавзехоти А.Н. Болдирев). М.,1961.

**ГАФФОРОВ А.О. АЛИЕВ А.**

## ВЫРАЖЕНИЕ ПРОСТРАНСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ПРЕДЛОГОМ «АЗ» В ПРОЗЕ XVI В.

В статье иселедуется выражение пространстевенных отношений с предлогом «аз» в прозе 16 века. Исследование показало, что употребление предлога «аз» в выражение пространственных отношений в 16 веке в современном таджикском языке, особенно, считался одним из многозначных и широко употребляемых.

**Ключевые слова:** выражение, предлог, грамматические связи, пространственные отношения, значения места.

**GAFFOROV A.O., ALIEV A.**

# EXPRESSION OF SPATIAL RELATIONSHIP WITH PREPOSITION "AZ"

Expression of spatial relationship with preposition "az" in the prose of the 16th century is reviewed in the article. The investigation showed that the use of the preposition "аз" in expressions of spatial relationship in modern Tajik language, especially in the 16th century was considered one of the multivalued and widely used.

**Key words:** expression, preposition, grammatical relationship, spatial relationship, the meaning of the place